УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

## ОМИЛҲОИ РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ ТАБДИЛДИҲИИ РАҚАМӢ

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *- PhD докторанти бахши 1-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 6D0506(02)- «Иқтисодиёти минтақа» Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хиёбони И.Сомонӣ 169 шаҳри Хуҷанд,*
*e-mail: sanam85@mail.ru*
***Раҳимов Абдулатиф Маҷидович*** *- Доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи "Назарияи иқтисодӣ"-и ДДҲБСТ*

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ОТРАСЛЕЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *– PhD докторант 1-го курса дневного отделения по специальности 6D0506 (02) - «Региональная экономика» ИЭТ ТГУК в г.Худжанде,*
*e-mail: sanam85@mail.ru*
***Рахимов Абдулатиф Маджидович*** *- доктор экономических наук, заведующий кафедрой экономической теории ТГУПБП*

## FACTORS IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIES IN THE CONTEXT OF DIGITAL TRANSFORMATION

***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna*** *– PhD Doctoral Student of the 1-st course of the Full-Time Department in the Specialty 6D0506 (02) - "Regional economics" IET TGUK in the city of Khujand,*
*e-mail: sanam85@mail.ru*
***Rahimov Abdulatif Madzhidovich*** *- Dr., Chair of the Department Theory of Economics TSU LBP*

***Вожаҳои калидӣ:*** *потенсилаи илмӣ, потенсиали сармоягузорӣ, рушди соҳаҳо, саноат, инноватсия, иқтисодиёт, саноати инноватсионӣ.*

*Дар мақолаи мазкур доир ба омилҳои рушди соҳаҳои саноати инноватсионӣ ва дар заминаи онҳо рушд ёфтани дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар маълумот оварда шудааст. Дар қатори омилҳои сершумори рушди соҳаҳо афзалият ба сармоягузорӣ дода шудааст. Аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шуда аст, ки ҳангоми тақсимбандии сармоягузориҳо ба соҳаҳои иқтисодии кишвар афзалиятнокии самаранокии онҳо ба инобат гирифта шаванд. Аз нигоҳи муаллиф барои куллан рушд ёфтани соҳаҳои инноватсионии саноат сармоягузориҳо бояд пеш аз ҳама ба рушди потенсилаи илмӣ дода шавад, зеро аз таҳияи илмии дурусти масъалаҳо соҳаҳо метавонанд рушд кунанд.*

***Ключевые слова:*** *научный потенциал, инвестиционный потенциал, развитие отраслей, промышленность, инновации, экономика, инновационная отрасль.*

*В статье представлена информация о факторах развития инновационных производств и на их основе, развития других секторов экономики. Среди множества факторов развития отрасли, приоритет отдается инвестициям. Автор предлагает учитывать при распределении инвестиций по отраслям экономики страны, их приоритеты и эффективность. По мнению автора статьи, для радикального развития инновационных производств необходимо вкладывать средства в первую очередь в развитие научного потенциала, поскольку при правильном научном развитии отрасль может развиваться.*

***Key words:*** *scientific potential, investment potential, development of industries, industry, innovation, economics, innovation industry.*

*The article provides information on the factors of development of innovative industries and, on their basis, the development of other sectors of the economy. Among the many factors in the development of the industry, priority is given to investments. The author proposes to take into account when distributing investments by sectors*

*of the country's economy, their priorities for efficiency. According to the author of the article, for the radical development of innovative industries, it is necessary to invest primarily in the development of scientific potential, since with the correct scientific development, the industry can develop.*

Аз таҷрибаи бои кишварҳои тараққикарда таҳлилҳои илмии муҳаққиқони ватание, ки доир ба таҳқиқоти масоили рушди босубот ва устувори манотиқи кишвар бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки рушди босубот ва устувори иқтисодиёти минтақаҳо бештар аз суръат ва сифати рушди корхонаҳои саноатие, ки дар атрофи ин манотиқ фаъолият доранд, вобастагии калон дорад. Айни замон, бо дар назардошти ҷиҳозонидани корхонаҳои саноатии минтақаҳо аз лиҳози технологияи инноватсионӣ ва баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин рақобатпазир гардидани масолеҳи истеҳсолмешуда ва коркарди захираҳои табии ватанӣ асоси ташаккулдиҳии корхонаҳои нави саноатӣ гардида, ҳалли масъалаҳои ба ин гуна масоил вобаста буда, дар вобастагии зичи коркард ва равишҳои системавии барномаҳои рушди инноватсионии минтақаҳои кишвар қарор дорад.

Ҳангоми мавҷудияти проблемаҳои коркарди сиёсати саноатӣ усулҳои ташаккулдиҳии он қариб, ки амалан муҳокима карда намешаванд ва мӯҳтавои онҳо бидуни гузаштан ба роҳҳои технологӣ ва инноватсионӣ коркард карда мешаванд. Аз ин лиҳоз мебояд, ки аз чаҳорчӯбаи равишҳои муқаррарӣ ва умумиқабулгардида берун баромада, усулҳои коркарди дастаҷамъонаеро ба роҳ монд, то ки дар аснои коркарди онҳо тарҳҳои асосии сиёсати саноатӣ муайян гарданд.

Самаранокии фаъолияти саноатӣ, алалхусус саноати инноватсионӣ бидуни инкишоф ёфтани равандҳои илмӣ-техникӣ имконнопазир мебошад. Зеро ки танҳо тавассусти самаранок гардидани фаъолияти илмӣ ва баъдан рушд кардани техникикунонии соҳаҳо самарнокии истеҳсолоти саноатӣ рӯ ба афзоиш меоварад [7, С. 42]. Бояд қайд намоем, ки мақсади инкишофи илму технология, ба вуҷуд овардани низоми пурсамари дастгирии давлатии рушди соҳаҳои илмӣ мебошад, ки он қувваи илман мутаҳҳид ва марказонидашударо ба самтҳои ба кишвари мо бештар созгор, инчунин барои рушди таҳқиқотҳои илмӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, суръат бахшидан ба ташкилёбии инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи амалии инноватсияҳо дар истеҳсолот, ба вуҷуд овардани технологияҳои рақобатпазир, коркардҳои илмӣ аз тарафи истеҳсолот, тиҷорат, корфармоён, нуфузи баланд ва ҷозибияти бештари меҳнати илмӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тайёр кардани олимон ва мутахассисони ҷавон, рушди маориф ва фарҳангро таъмин менамояд. Ҳамчунин он ба боло бурдани қувваҳои зеҳнии одамону мутахассисонро дар назар дорад, ки он ба вусъат гирифтани пешрафти кишвари мо ва ба муваффақиятҳои ноил гардиданро сабабгор хоҳад шуд.

Умуман, дар раванди истеҳсолот татбиқ намудани натиҷаҳои коркардҳои илмии иқтисодчиён раванди содаи маъмул бошад ҳам аммо дар мисоли кишвари мо солҳои охир амалишави он кам ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади пурзӯр кардани таъсири илм ба суръати рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, наздик кардани илм ба амалия ва он чи амалан татбиқ мехоҳад, самаранок гардонидани натиҷаҳои амалии тадқиқотҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, ба вуҷуд овардани шарту шароит барои коркард ва истифодаи амалии технологияҳои инноватсионӣ зарур аст.

Умуман, инноватсия гуфта, татбиқи навовариҳоро дар соҳаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, дар соҳаи молияи давлатӣ, дар тиҷорат молия, дар бозори молиявӣ, суғурта ва ғайра меноманд.

Чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ ҳадафҳоеро барои дар оянда ноил гардидан ба рушди дарозмуддат ва таъмин намудани сатҳи баланди некӯаҳволӣ ва беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолиро дар пеши худ гузоштааст. Яке аз роҳҳои имконпазири ноилшавӣ ба ин ҳадафҳо гузариши иқтисодиёти миллӣ ба модели рушди инноватсионии тамоюли иҷтимоидошта мебошад. Яке аз омилҳои асосии таъсирбахши беруна дар қисмати рушди инноватсионӣ афзоиш ёфтани рушди технологии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Дигаргуншавии технологӣ дар сарфа намудани захираҳо ва энергетикаи алтернативӣ номуайяниро дар рушди кишвар, ки асоси тахассуси онро дар бозорҳои ҷаҳонӣ содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва металлҳои ранга ташкил мекунад, якбора афзун месозад.

Яке аз омили нисбатан муҳими рушди дилхоҳ дар замони муосир сармоягузорӣ мебошад. Сармоягузориҳо барои рушди технологӣ дар бештари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун воситаи асосии гузаштан ба роҳи рушди инноватсионӣ дониста мешаванд. Дар ҳар як кишвар, аз он ҷумла дар

кишварҳои рӯ ба инкишоф, сармоягузориҳои иловагиро ба рушди соҳаи илм, маориф, тиб, инчунин энергетика ва технологияҳои иттилоотӣ равона намудаанд.

Аз нигоҳи мо Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори баланди сармоягузорӣ намуданро доро мебошад. Нисбат ба дигар минтақаҳои Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти хоса дорад ва дар байни дигар манотиқ мақоми махсусро ишғол мекунад. Ҳарчанд ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз боигариҳои табииву маъодин бой бошад ҳам, сатҳи пасти сармоягузорӣ ва ё аслан мавҷуд набудани маблағҳои кофӣ барои иктишоф ва коркарди маъдани, соҳаҳои саноатӣ ва рушди инноватисонии онҳо мушкилоти рақами як ба ҳисоб меравад. Мутмаинан ҷалби сармояҳои хориҷиву дохилӣ барои коркард ва азхудкунии захираҳои табии кишвар, барои баланд гардидани соҳаҳои саноатӣ ва рушд ёфтани потенсиали инноватсионии онҳо гардида, боиси рушду тараққиёти на танҳо минтақаҳои он, балки баланд рафтани даромади миллӣ низ хоҳад гашт [5, С. 169].

Гузашта аз ин, сармоягузорӣ метавонад дар баробари омили рушд буданаш инчунин омили баланд гардидани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири бозорӣ гардад. Чун қисмати зиёди сармоягузориҳо ба ҷорӣ ва татбиқ намудани технологияҳои инноватсион равона карда мешванд. Рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи нававарии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад.

Дар раванди тақсимбандии сармояҳои ҷалбгардида бояд афзалияти самаранокии истифодабарии онҳо таъмин карда шуда, пеш аз ьҳама ба бахшҳои калидии рушддиҳандаи соҳаҳо равона карда шавад, ки дар ояндаи начандон дур боиси рушд ёфтани поетнсиали инноватсионии саноат ва дигар бахшҳои иқтисодӣ гардад.

Аз ин лиҳоз, месазад қайд намоем, ки дар ин замина, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи илмиву технологӣ яке аз вазифаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи макро мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионӣ, ба миён овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Ҳамзамон, тавассути фароҳам омадани шароити зарурӣ инфрасохтори инноватсионӣ низ дар шакли марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои тиҷоратӣ, марказҳои трансфери технологияҳо ва монанди ин, оҳиста-оҳиста ба вуҷуд меоянд [6. 371].

Диққати махсус бояд ба омода сохтани мутахассисон дар соҳаи менеҷменти инноватсионӣ равона карда шавад ва бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ ва ҳавасмандгардонии мутахассисони ҷавон (хатмкунандагони мактабҳои олӣ), дар асоси шартнома ба кор қабул намудани онҳо, аз ҷумла, барои иштирок дар омода сохтани лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳои маҷмӯиву мақсаднок ва шартномаҳо бо хоҷагиҳо бо муқаррар кардани музди меҳнати мувофиқ пешбинӣ карда шавад.

Татбиқи корҳои муштараки илмӣ-тадқиқотии олимони институтҳои академӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ аз рӯйи шартномаҳои ҳамкорӣ, лоиҳаҳои муштарак аз рӯйи грантҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ва аз рӯйи фармоишҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо дар асоси бастани шартномаҳо бо соҳаҳо пешниҳод мкарда шавад.

Сохтан ва ба таври комил ташаккул додани шабакаҳои иттилоотӣ дар доираи ҳамаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар низ аҳамияти калон дорад. Барои амалӣ кардани ин кор бояд бо миқдори кофии компютерҳо ва техникаи дигари иттилоотӣ институтҳо, лабораторияҳо ва кафедраҳоро таъмин намуд.

Дар ҳар соҳае, ки ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ машғул аст афзалият дода шавад, то потенсиали иттилоотии хешро аз маблағҳои сармоягузоришуда афзоиш диҳанд ва барои таъсис додани шабакаҳои иттилоотӣ ва истифода кардан аз маълумотҳову таҷрибаҳои дигар кишварҳо баҳраманд гарданд. Барои ин таъсиси китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва базаҳои иттилоотии маълумот доир ба самтҳои алоҳидаи илм бояд татбиқ карда шавад.

Дар оянда потенсиали илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то кадом андоза тез ва самаранок ба фазои ҷаҳонии илм ворид шуда метавонад. Аз ин лиҳоз, чораҳое андешида шаванд, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва шарикии олимони Тоҷикистон бо олимони давлатҳои дигар равона гардида бошанд. Баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилот ва муассисаҳои илмии кишварҳои дуру наздик, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо дар асоси шартномаву созишномаҳо бояд сурат гирад. Таваҷҷуҳи махсус ба татбиқ намудани имкониятҳои сафар кардани олимон ба марказҳои пешрафтаи илмӣ-тадқиқотии хориҷӣ, барои кори илмӣ ва барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ бояд равона карда шавад.

Бо мақсади дастгирии неруи илмӣ ва тақвияти таъсири он ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъмини маблағгузории босуботи давлатӣ, афзоиши давра ба давраи захираҳои молиявӣ дар соҳаи илм муҳим мебошад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Бабанов А.В. Классификация факторов, формирующих инвестиционную привлекательность региона [Текст] / А.В. Бабанов // Экономический журнал. – 2012. – №28. – С. 88-95.
2. Буряков Н.С. Инновации как фактор развития промышленности России на современном этапе // Региональная экономика: теория и практика. – М: «Финансы и кредит», 2014. -№26. – С. 41- 48.
3. Гумерова Г.И., Шаймиева Э.Ш. Факторы, влияющие на привлечение прямых иностранных инвестиций в экономику региона (согласно теории П. Теша) [Текст] / Г.И. Гумерова, Э.Ш. Шаймиева //Региональная экономика: теория и практика. - М., 2008. - № 9. - С.36-42.
4. Идзиев Г.И. Инновационное развитие промышленности региона // Региональные проблемы преобразования экономики. – Махачкала, 2012. - № 2, 2012. – С.151-158.
5. Ҳофизов Ҳ.А. Сармоягузории инкишофи иқтидори энергетикии Водии Зарафшон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: «СИНО», 2016.- № 2/1 (193). - С.164-170.
6. Файзуллоев М.К. Оценка инновационного потенциала социально-экономического развития региона//Проблемы современной экономики //Евразийский международный научно-аналитический журнал, 2013г. №3(47). СПб. - С. 369-373.
7. Файзуллоев М.К. Проблемы развития инноваций в Республике Таджикистан//Технологическая перспектива в рамках Евразийского пространства: новые рынки и точки экономического роста//Материалы 2-ой Международной научной конференции. Санкт-Петербург, 20-22 октября 2016 года. - СПб. Издательство Астерион, 2016. -470с. - С. 41-46.


## REFERENCES


1. A.V. Babanov Classification of factors that form the investment attractiveness of the region [Text] / A.V. Babanov // Economic Journal. - 2012. - No. 28. - pp. 88-95.
2. Buryakov N.S. Innovations as a factor in the development of Russian industry at the present stage // Regional economy: theory and practice. - M: "Finance and Credit", 2014. -No. 26. - pp. 41-48.
3. Gumerova G.I., Shaimieva E.Sh. Factors influencing the attraction of foreign direct investment in the region's economy (according to the theory of P. Tesch) [Text] / G.I. Gumerova, E. Sh. Shaimieva // Regional economy: theory and practice. - M., 2008. - No. 9. - pp.36-42.
4. Idziev G.I. Innovative development of the region's industry // Regional problems of economic transformation. - Makhachkala, 2012. - No. 2, 2012. - pp.151-158.
5. Khofizov Kh.A. Sarmoyaguzorii Inkishofi Ichidori energetics and Vodii Zarafshon // Payami Donishgohi millii Tojikiston. Bakhshi ilmkhoi ichtimoi-iktisodi va chamiyati. - Dushanbe: "SINO", 2016.- No. 2/1 (193). - pp. 164-170.
6. Fayzulloev M.K. Assessment of the innovative potential of the socio-economic development of the region // Problems of modern economy // Eurasian international scientific-analytical journal, 2013. No. 3 (47). SPb. - pp. 369-373.
7. Fayzulloev M.K. Problems of innovation development in the Republic of Tajikistan // Technological perspective within the Eurasian space: new markets and points of economic growth // Proceedings of the 2nd International Scientific Conference. St. Petersburg, October 20-22, 2016. - SPb. Asterion Publishing House, 2016. -470s. - pp. 41-46.